*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,*
*(734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14)*

***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.***

Бонкҳо ҷузъи муҳимми иқтисодиёти ҳар як мамлакат буда, он ҳамчун як ҷузъи таркибии иқтисоди бозорӣ ва яке аз механизмҳои асосӣ дар ин низом ба шумор меравад. Бинобар ин, низоми бонкӣ яке аз унсури асосии низоми иқтисоди ҳар як давлат буда, ҳадафи аслии он расонидани хизматрасонии молиявию қарзӣ ба муштарин маҳсуб меёбад ва дар рушди сохторҳои алоҳидаи иқтисодии кишвар нақши ҳалкунанда дорад. Дороиҳо барои пешрафти низоми бонкӣ ва сохторҳои таркибии он нақши калиди дошта, идоракунӣ ва муайян намудани сохтори он хеле муҳим мебошад ва имкон медиҳад, ки намудҳои гуногуни дороиҳо муайян ва дуруст идора карда шаванд. Аз ин ру мубрам будани мавзуи рисолаи номзадии Аҳадов И.Қ. бебаҳс аст.

Муаллиф қайд менамояд, ки тамоми пешравии низоми бонкӣ аз идоракунии дурусти дороиҳо сарчашма мегирад. Яъне, идоракунии дороиҳои бонкӣ дар ҳамбастагӣ бо дигар нишондиҳандаҳои бонкӣ метавонад самаранок бошад ва дар натиҷа даромаднокӣ ва фоидаи бонкро зиёд гардонад. Чи хеле ки дар автореферат оварда шудааст, ба таври лозима идора шудани қарз, сармоягузорӣ ва воситаи асосӣ метавонад ба дигар нишондиҳандаҳои бонки тиҷоратӣ таъсири мусбати худро расонад.

Дар таҳқиқот натиҷаҳои дорои унсурҳои нави илмӣ муайян карда шудааст, ки он аз таърифи такмилшудаи дороиҳои бонкӣ аз ҷониби муаллиф, мутобиқшавии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ба вазъияти тағйирёбандаи иқтисодиёти муосири ҷаҳон, зарурияти зиёд намудани дороиҳои низоми бонкӣ, истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷии дуру наздик вобаста ба самаранок идора кардани онҳо, усулҳои муосири баҳодиҳии дороиҳои бонкӣ, механизмҳои идоракунии самараноки

дороиҳои бонкӣ ва роҳҳои пайдо намудани сарчашмаҳои ташаккули он иборат мебошанд.

Дар автореферати диссертатсия қайд мегардад, ки арзёбӣ намудани сифати дороиҳои бонкӣ масъалаи муҳим ба ҳисоб рафта, он яке аз муҳимтарин чораҳои муайян кардани сатҳи эътимоднокии бонк ва дурнамои фаъолияти он мебошад.

Тибқи ақидаи муаллиф муайян намудан мумкин аст, ки вазъияти иқтисодиёти ҷаҳон дар шароити мураккаб қарор дорад ва аз ин сабаб зарур аст, ки вазъи молиявии бонкҳо таҳлил гардида, вазифаҳои идоракунӣ дар самти дороиҳо ва уҳдадориҳо дуруст ба роҳ монда шавад. Инчунин қайд карда шудааст, ки сарчашмаи ба даст овардани дороиҳо, ҳиссаи сармояи худӣ нисбат ба дороиҳо, роҳҳои сафарбарсозии дороиҳо ба амалиётҳои фаъоли фоидаовару гуногун ва ғайра дар сатҳи зарурӣ таҳия ва арзёбӣ бояд гардад.

Бо вуҷуди ҳамаи он ки дар автореферат масъалаи мазкур дар сатҳи кофӣ таҳқиқ гардидааст, баъзе камбудиҳо дида мешавад, аз ҷумла:

1. Дар ҷадвали 3-и автореферат сохтори низоми бонкӣ дар солҳои 2014-2021 таҳлил шуда, аз рӯи маълумотҳои он муайян кардан мумкин аст, ки шумораи ташкилотҳои қарзӣ ба маротиб кам гардидааст, аммо муаллифро мебоист сабабҳои камшавии ташкилотҳои қарзиро таҳқиқ намуда, нисбати он пешниҳодҳои манфиатнок менамуд.

2. Дар автореферат муаллиф қайд менамояд, ки ҷиҳати дастгирии рушди иқтисодиёт дар Тоҷикистон сатҳи қарздиҳӣ ва пасандозгузориро ҳаҷман рушд додан лозим аст, аммо аз кадом сарчашмаҳо ва бо кадом роҳ, инчунин роҳҳои ҷалби пасандозҳо нишон дода нашудааст.

3. Муаллиф дар автореферат дар бораи мутобиққунии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бонкдорӣ ба стандартҳои Базелӣ сухан рондааст, аммо қайд нагардидааст, ки кадом самтҳои ба низоми бонкии мо мувофиқ ба назар гирифта шавад.

Лекин, ба ақидаи мо, камбудию норасогиҳои нишондодашуда арзишу аҳамияти рисолаи иҷронамудаи Аҳадов И.Қ-ро ҳаргиз кам намекунанд. Бинобар ин рисолаи номзадӣ таҳлили илмии худро ёфта, метавон гуфт, ки муаллиф ба он хулосаю пешниҳодҳои асоснок намудааст.

Дар асоси тақризи автореферат хулоса баровардан мумкин аст, ки рисолаи диссертатсионии Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи

«Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти анҷомёфтаи яке аз проблемаи муҳими соҳаи иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, дорои навовариҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ мебошад ва мувофиқан муаллифи он лоиқи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Ҳалимов Л.М.**

**Имзои н.и.и., дотсент Ҳалимов Л.М.- ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пиризода С.С.**

**Суроға:734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш. Душанбе, кучаи Деҳотӣ 1/2**
**Телефон: (+992) 934444186**
**E-mail: loik.halimov@mail.ru**